# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирзоев Абдулазиз Раҷабович ба диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи **"Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ",** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Палавонов Амоншо Муминович яке аз мавзуъҳои ҳалталаби педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Зеро, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, замони муосир ва рушди босуръати илму технология зарурати дастёбӣ ба таҳсилоти босифат ва таҳсилот барои тамоми тӯли ҳаётро ба миён гузоштааст ва дар ин миён дорои тафаккури мантиқиву интиқодӣ, салоҳияти дарки воқеоти ҳамарӯза тағйирёбанда ва малакаҳои кор бо иттилоот аз салоҳиятҳои асосии насли "асри иттилоот" арзёбӣ мешавад.Бинобар ин, системаи таҳсилот масъулияти омӯзгорро дар расондан ва интиқоли донишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дучанд зиёдтар менамояд. Дарси ҳозиразамонро бе истифодаи технологияҳои навини педагогӣ гузаронидан номумкин аст, чунки онҳо мухтавои дарсро баланд мебардоранд ва шавқу рағбати хонандагонро ба дарс зиёд мекунанд. Омӯзгор бояд доимо дар ҷустуҷӯйи усулу методҳои нави таълимӣ бошад ва дарси хешро вобаста бо комёбиҳои педагогикаи муосир ва методикаи таълим ташкил намояд.

Ба муҳимият ва зарурияти муаммои мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори махсус дода шуда, қабул шудани як зумра санадҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030" далели равшан ва возеҳи он аст. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Палавонов Амоншо Муминович дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва

илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Палавонов Амоншо Муминович дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳаммияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба таълиму тарбияи насли наврас ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар таҳсилоти Тоҷикистон, махсусан дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯи кор омадаанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Палавонов А. дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон дастёб гаштааст. Аз он ҷумла:

- асоснокии назариявӣ – методологии таҳқиқот, аниқ кушода додани мафҳумҳо вобаста ба ҷорӣ ва ҳамзамон татбиқ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим муайян карда шуда, тавсияҳои методӣ пешниҳод карда шудаанд;

- барои гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оид ба ҷорӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ методикаи гузаронидани таҳқиқот таҳия карда шуда, оид ба натиҷаи он хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд. Муаммои баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро ошкор сохта, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст ва вобаста ба ҳар яке аз ин масоил назари олимону муҳаққиқон ва мулоҳизаву пешниҳоди худро манзур кардааст.

Аз ин дидгоҳ, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ниёзҳои таҳсилоти муосир арзёбӣ кунем.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.***

Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи Палавонов Амоншо Муминович, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд.** Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф чунин андешаҳои бикр баён шудаанд:

- маҳз омӯзгор бояд ҳамчун ташаббускори истифодаи технологияи инноватсионӣ баромад намояд, вазифаи вай на танҳо аз он иборат аст, ки ба хонанда мувофиқи нақшаи таълимии тасдиқшуда дониш диҳад, балки дар замири ӯ малакаҳои муҳимми ҳаётӣ, аз қабили ҷамъоварӣ кардани маълумоти зарурӣ, қобилияти муоширати самаранок бо ҳамсолон, ҳимоя ва пешниҳод кардани натиҷаҳои кор ва ҳимоя карда тавонистани нуқтаи назари худ ва ғайраҳоро рушд диҳад;

- истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба хонандагон роҳҳои фаъоли азхудкунии донишҳои навро меомӯзанд, ба амалияи ҳаёти ҳаррӯза наздик кардани омӯзиш ёрӣ мерасонанд ва на танҳо дониш, маҳорат, малакаро дар дарс, балки мавқеи фаъолонаи ҳаётиро дар хонандагон ташаккул медиҳанд;

- вобаста ба талаботи замон, пайдо шудани методҳои нави таълим мақсадҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ тағйир ёфта, барномаҳои нави таълимӣ ва равишҳои нави омӯзиши фанҳо тавассути системаҳои муттаҳидшудаи таълим таҳия мегардад. Танҳо истифодаи

технологияҳои инноватсионӣ имконияти дар ин рақобат ғолиб омаданро таъмин мекунад;

- таҳқиқот нишон дод, ки мунтазам истифода бурдани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим боиси он мегардад, ки нишондиҳандаҳои дониш дар муассисаҳои таълимии такягоҳӣ фоизи баландро ташкил дода, иштироки хонандагон дар ҳафтаҳои фаннӣ, олимпиадаҳо, озмунҳо фаъолтар гардад.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи технологияҳои муосири инноватсионӣ бо роҳу усулҳои пешқадами педагогӣ дар рафти дарси таърихи халқи тоҷик ба таври самаранок ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд, масалан:

- роҳ ва усулҳои мусоиди такмили маҳорат ва малакаи омӯзорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуд;
- методҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуданд;
- бо гузаронидани корҳои таҷрибавӣ исбот карда шуд, ки истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба усулҳои анъанавӣ бартарии худро баръало нишон дода истодаанд.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундарича ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- амсилаи татбиқи роҳу усулҳои инноватсионӣ пешниҳод шудааст, ки муҳтавои асосии онро фаъолияти хонандагон ва ташаккули истеъдоди онҳо дар ҷараёни таълим ташкил медиҳад;

- ба инобат гирифтани аҳаммияти ҳалкунандаи омил ва падидаҳое, ки барои ба нақшагирии раванди татбиқи технологияи муосир дар барномаҳои таълимӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурда мешаванд;

- истифодаи технологияи инноватсионӣ яке аз усулҳои муҳимтарини педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ба ҳисоб рафта, ба инкишофи тафаккури илмӣ ва маърифатии хонандагон асоси боэътимод мегузорад. Усулҳои инноватсионӣ фаъолияти гуногуни хонандагонро инкишоф дода, онҳоро ба фаъолияти илмӣ, тадқиқотӣ ва эҷодӣ ташвиқ намуда, ба ҷаҳонбинии илмии толибилмон таъсири мусбӣ расонида, дар ташаккули арзишҳои ватандӯстиву инсондӯстии онҳо нақши муҳим мебозанд;

- технологияи инноватсионӣ на танҳо системаи таҳсилотро комил месозанд, балки қудрат дорад, ки тартиби нави дониш ва сохторҳои нави таълимиро таъсис диҳад. Бинобар ин, тақозои замон аст, ки омӯзгор аз технологияи муосир баҳра намояд ва донишҳои худро дар ин самт тақвият бахшад. Усул ва шаклҳои мухталифи инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки омӯзгор касбияти худро баланд бардорад ва аз дастовардҳои охирини илм бархурдор гардад;

- асосноккунии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мувофиқати онҳо ба асосҳои ибтидоии назариявӣ ва методологӣ, истифодаи комплексии методҳои назариявӣ ва эмпирикии мувофиқ ба объект, мавзуъ, мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот, робитаи мутақобилаи нуктаҳои назариявӣ бо амалияи воқеӣ.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.***

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола масъалаи баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсиониро ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2016-2022 дар асоси нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Роҳу усулҳои инноватсионии таълими фанҳои ҷомеашиносӣ дар асоси муносибати босалоҳият» баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.***

Мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи

умумӣ)) дар самтҳои зерин: асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои нави педагогӣ ва системаҳои методии таълим, ки дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ амалӣ карда шудаанд, ки рушди хонандагонро дар зинаҳои гуногуни таълим таъмин мекунанд; тадқиқоти муқоисавии назария ва методикаи таълими фаннӣ дар системаҳои гуногуни педагогӣ; ташкил ва истифодаи методҳои нав, равишҳои методӣ, воситаҳои техникии омӯзиш дар соҳаҳои гуногуни дониш; фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавӣ-озмоишии муаллимони фанҳо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи омӯзиш тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот мутобиқат дорад.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.***

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- истифодаи технологияи муосири таълим дар ҷараёни таълиму тарбия заминаи воқеии инкишоф ва истифодаи имкониятҳои интеллектуалиро барои ҳар як хонандаи муассиса фароҳам меорад. Аз ҳама муҳимтараш истифодаи технологияи навини педагогӣ толибилмонро дар зинаҳои аввалини ҳаёти ҷамъиятӣ баҳри молик будан ба қобилияти фикрронӣ, ташаккули маҳорати зеҳнию тафаккурӣ, маърифатнокии илмию техникӣ ҳидоят менамояд;

- ҷомеаи иттилоотии асри XXI ва талаботи рӯзафзуни истеҳсолот, татбиқи технологияҳои муосир ва дастовардҳои илмӣ моро ба он водор менамоянд, ки оид ба нерӯи зеҳнӣ ва малакаи касбии мутахассисон давра ба давра тағйирот ва иловаҳо ворид намоем. Бинобар ин, барои дарёфти ҷойи кор дар бозори озоди меҳнат шахс аз маҷмӯи зиёди маълумот бояд бархурдор бошад. Мутахассиси оянда бояд ба талаботи ҷаҳони муосир аз рӯйи ихтисос ва ё дигар равияҳои касбӣ, ки шахс ба он таваҷҷуҳ дорад, ҷавобгӯ бошад;

- ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим ба хонандагон имкон медиҳад, ки маводи омӯзиширо вобаста ба муҳиммият ва зарурат дастрас ва мутолиа намоянд, ҷустуҷӯи маълумоти

зарурӣ ба таври оҷил дастраси онҳо гардад, ба иттилоот ҳамчун ҷузъи муҳими соҳаи таҳсилот ва донишҳои ҷамъоваришуда дастрасии озод пайдо намоянд, дар муҳити ба онҳо мувофиқ омӯзишҳои навро ба роҳ монанд, барои ҳавасмандгардонии омӯзиш маводҳои таълимиро дар шакли диаграммаҳо ва аниматсия пешниҳод намоянд ва зуд роҳи ҳалли масъалаҳои мушкилро пайдо кунанд;

- технологияҳои инноватсионӣ боиси ташаккул додани қобилияти фикррони хонандагон гардида, ба таври оддӣ, бо роҳи худ дидани вазъияти мушкилот, роҳҳои берун баромадан аз онҳоро муайян месозанд;

- дар усули инноватсионии таълим файл ва саҳифаҳои пешакӣ тайёр карда шуда, боиси самаранокии дарс мегарданд, барои шавқовар ва диққатҷалбкунанда гузаронидани машғулиятҳо имконият медиҳанд, барои такмили қобилияти эҷодкории муҳассилин кӯмак мерасонанд.

**Арзиши амалии таҳқиқот**ро истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи технологияҳои муосири инноватсионӣ бо роҳу усулҳои пешқадами педагогӣ дар рафти дарси таърихи халқи тоҷик дарбар мегирад. Гузаронидани корҳои таҷрибавӣ равшану возеҳ нишон доданд, ки дар амалия истифода шудани технологияҳои муосири инноватсионӣ раванди таълимро боз ҳам пурмаҳсул мегардонанд ва дар маҷмуъ ҳавасмандии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро ба дарс афзоиш медиҳанд.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.***

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барґузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, 35 мақолаву дастурҳои таълимӣ-методӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй мақолаҳо дар маҷмуаи маводи

конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, 23 мақола дар дигар нашрияҳо ва 3 дастури таълимӣ-методӣ ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферaтҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

***Эрод ба таҳқиқити диссертатсионӣ.***

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки шакл ва усулҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ оиди истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик маълумот дода мешуд.

2. Дар таҳқиқот хуб мебуд, ки дар бораи роҳ ва усулҳои омодашавии омӯзгорон оиди истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ дода мешуд.

3. Дар қисмати корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ, ки маълумоти кифояи оморӣ оварда шудааст, додани эзоҳи пурраи педагогӣ мувофиқи мақсад мебуд.

4. Дар рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши илмиву амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳанд.

## ХУЛОСА

1. Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

2. Муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтааст ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

3. Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

4. Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Палавонов А. М. ба шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мувофиқ аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии

таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ", кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) шоиста аст.

**Муқаррizi расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ____________ Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

«__28__» ____10____ 2024

**Маълумот барои тамос:** Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
Тел: +992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ:aziz69@mail.ru

**«Имзои А. Р. Мирзоев-ро тасдиқ мекунам»**

Сардори РК ва КМ ДБССТ ____________ Ҷураев Ш. Н.